Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14 http://www.tgfeu.tj/tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки сармояи хориҷӣ ҳамчун унсури муҳимми фаъолияти иқтисодӣ омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва таҳкими фазои иқтисодии ҷаҳонӣ аҳамияти хоса пайдо карда истодааст. Дар чунин шароит ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, бунёди иқтисоди рақобатпазир ва фароҳам овардани муҳити ҷолиби сармоягузорӣ дар сурати истифодаи оқилона ва самараноки воситаҳои молиявӣ имконпазир мегардад.

Муаллиф қайд намудааст, ки барои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар захираҳои молиявӣ маҳдуд буда, барои масъалаи бехтарсозии равандҳои сармоягузорӣ диққати махсус бояд дода шавад. Инчунин ба ақидаи ӯ устариши фаъолонаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин, амиқтар шудани робитаҳои иқтисодию сармоягузории ба манфиати тарафайн бо давлатҳои шарик ва дигар субъектҳои бозори ҷаҳонӣ нигаронидашуда барои истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ заминаи боэътимод фароҳам месозад.

Ба ақидаи муаллиф дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо ҷиҳати ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ андешида мешаванд, ки ба таҳкими суботи молиявӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ равона гардидаанд.

Дар таҳқиқоти худ муаллиф иброз доштааст, ки яке аз вазифаҳои

муҳими ҳар як давлат тақвияти равандҳои сармоягузорӣ ва рушди ҳамкории сармоягузорӣ бо шарикони рушд мебошад. Инчунин, дар автореферати диссертатсия қайд гардидааст, ки таъмини рушди равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ танҳо тавассути маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои дохилӣ ва беруна имконпазир аст. Фароҳам овардани муҳити мусоид пеш аз ҳама тавассути маблағгузорӣ ва ҳавасмандгардонӣ ба даст оварда мешавад ва инчунин барои пешгирии хатарҳои молиявӣ заминаи мустаҳкам ва боэътимод мегузорад.

Дар таҳқиқот самтҳои фаъолгардонии нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти инвеститсионӣ муайян карда шуда, дар он барномаҳои сармоягузории давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ, кафолатҳои давлатӣ ва қарзҳо, ҳавасмандгардонии таҳқиқот ва рушд, дастгирии соҳибкорӣ, шарикӣ бо бахши хусусӣ ва танзим ва устуворӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар автореферати диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки сиёсати танзими давлатӣ ва андоз бояд барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ тавассути ҳавасмандкунӣ ё кам кардани бори андоз мутобиқ карда шавад. Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва таҳсилот бояд қувваи кории соҳибихтисосро ба вуҷуд оварда, сармоягузориро ба бахшҳои илмталаби технология ва инноватсия ҷалб кунад.

Тибқи ақидаи муаллиф муайян намудан мумкин аст, ки равандҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити муосир ба маблағгузории бахшҳо ба таври назаррас вобаста шудаанд, ки ҳамчун воситаи муҳим барои татбиқи босифати лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ҳар як кишвар ба назар мерасад. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, ҷалби манбаъҳои иловагӣ барои истифодаи васеъи имкониятҳои сармоягузорӣ муҳим ҳисобида мешавад. Инчунин қайд карда шудааст, ки ташаккулёбии назарияи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он метавонанд ба натиҷаҳои беҳтарин оварда расонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи И.Н. Сафаровро мусбат арзёбӣ намуда, мехостам камбудии онро низ зикр намоям:

1. Муаллиф маблағгузории фаъолияти сармоягузориро таҳлил намуда, сарчашмаҳои онро муайян сохтааст. Агар механизми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ аз тарафи ин сарчашмаҳо дар автореферат ба таври муфассал шарҳ дода мешуд, сифати автореферат боз ҳам беҳтар мегардид.

Лекин, ба ақидаи мо, камбудии нишондодашуда арзишу аҳамияти рисолаи иҷронамудаи Сафаров И.Н.-ро ҳаргиз кам намекунанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта буда, муаллифи он хулосаю тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо пешниҳод намудааст.

Дар натиҷаи баррасии автореферати диссертатсияи И.Н. Сафаров дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» метавон хулоса кард, ки он кори мукаммали тахассусии илмӣ буда, ҷавобгӯй ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дараҷаҳои илмӣ ва муаллифаш сазоворӣ дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**

Д.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.

Имзои д.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикитсон Пирзода С.С.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Деҳоти, 1/2.
https://www.tguk.tj. E-mail: tguk@mail.ru, E-mail: tguk2025@gmail.com
тел: +992 (37) 234-85-46